# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Бобоева Иноятхон Асроровна дар мавзуи “Ташаккули хислатҳои таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои V-VII зимни таълими осори классикон дар дарсҳои адабиёти тоҷик”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) пешниҳод гардидааст.

Таълими адабиёт воситаи асосии тарбияи маънавиву ахлоқӣ, умуман, шинохти ҳусни инсон ва аз ин мавқеъ маърифати он аст. Адабиёти асримиёнагии форсу тоҷик аз ҳар ҷиҳат ғанӣ буда, бо бозёфтҳои илмӣ, ғояҳои олӣ-гуманистии худ дар таърихи халқи мо ва дар хазинаи маданияту адабиёти ҷаҳонӣ ҳамчун ганҷинаи бебаҳо дохил гардидааст. Парвариши завқи солим, хулқи некӯ, дарки муносибатҳои байниҳамдигарӣ ва ҳисси башардӯстиву таҳаммулпазирӣ аз вазифаҳои адабиёт дар ҷараёни таълим аст. Барои расидан ба ин мақсадҳои наҷиб корбасти осори адабӣ, бахусус, асарҳои пандомези ниёкон, яъне классикони адабиёти форс – тоҷик дар раванди таълим муфид арзёбӣ мегардад.

Диссертатсияи Бобоева И.А. дар мавзуи “Ташаккули хислатҳои таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои V-VII зимни таълими осори классикон дар дарсҳои адабиёти тоҷик” аз муҳимтарин таҳқиқотҳо маҳсуб ёфта, ҷанбаҳои назарию амалии тарбияи таҳаммулпазирии хонандагонро фаро мегирад.

Диссертатсия аз муқаддима, ду боб ва хулоса фароҳам омада, дар муқаддима ба таври мухтасар муҳиммият, собиқаи таҳқиқ, мақсаду вазифаҳои омӯзиши ин мавзуъ тавсиф гашта, объект ва асосҳои методологию назарии тадқиқот нишон дода шудааст. Боби аввал “Асосҳои назариявӣ ва педагогиву психологии ташаккули таҳаммулпазирӣ ва нақши он дар тарбияи хонандагони синфҳои V- VII”

унвон гирифта, аз се фасл таркиб ёфтааст. Муаллиф зимни шиносоӣ бо маъхазҳои улуми фалсафа, фарҳангшиносӣ, таърих, сотсиология (ҷомеашиносӣ), педагогикаи таҳаммулпазирӣ ва психология кӯшиш намудааст, ки мавқеи принсипи муҳимми назариявии муҳаққиқонро доир ба мафҳуми таҳаммулпазирӣ муайян намояд.

Дар фаслҳои алоҳидаи боби дуюм роҳу усулҳои ташаккули тарбияи таҳаммулпазирии хонандагон дар заминаи осори ахлоқӣ дар ҷараёни таълими осори Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абулқосими Фирдавсӣ, Аттори Нишопурӣ, Саъдии Шерозӣ, Ҷалолуддини Балхӣ ва Абдураҳони Ҷомӣ дар хонандагони синфҳои V-VII бо шарҳу тафсири намунаҳои барҷаставу баргузида нишон дода шудааст. Озмоишҳои муқарраркунӣ ва таълимии дар асоси ҷавобҳои 175 нафар хонанда аз шаш муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии шаҳри Хуҷанд, ноҳияҳои Бобоҷон Ғафуров, Спитамен ва Ҷаббор Расулови вилояти Суғд ташкилгардида собит месозанд, ки равишҳои интихобгардидаи таълиму тарбия беҳтарин усулҳои ташаккули таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои V-VII мебошанд.

Дар маҷмуъ, натиҷаҳои боэътимод, хулосаҳои назариявӣ ва асоснокии корҳои озмоишӣ, ки аз тарафи муҳаққиқ ба даст оварда шудааст, аҳамияти илмӣ-амалии диссертатсияро собит менамоянд. Навгониҳои диссертатсия дар пешниҳод ва тавсияҳои муаллиф ба таври мукаммал арзёбӣ шуда, барои омӯзиши масъалаҳои мубрами илми педагогика, аз ҷумла, рушди таҳаммулпазирии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши муассир хоҳад гузошт. Хулосаҳои илмии муаллиф барои рӯйи кор омадани таҳқиқотҳои минбаъда дар самти масъалаҳои ташаккули хислатҳои таҳаммулпазирии хонандагон зимни таълими осори адабӣ аҳамияти вижа доранд.

Бояд гуфт, ки диссертант мақсадҳои гузошташудаи таҳқиқотро комилан ҳал намудааст, хулосаҳо тибқи вазифаҳои пешгузоштаи таҳқиқот асоснок шудаанд.

Мувофиқи натиҷаҳои дар автореферат баррасигардида кори диссертатсионии Бобоева Иноятхон Асроровна дар мавзуи "Ташаккули хислатҳои таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои V-VII зимни таълими осори классикон дар дарсҳои адабиёти тоҷик" таҳқиқоти илмии баанҷомрасида арзёбӣ шуда, ҳаҷм, дастгоҳи илмӣ, арзиши назариявӣ ва амалии он ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) сазовор мебошад.

Муовини ректор оид ба корҳои
тарбияи Донишкадаи кӯҳию металлургии
Тоҷикистон, номзади илмҳои педагогӣ,
дотсент Аминҷонова М.С.

13.02.2023

**Маълумот барои тамос**: 735730, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Суғд, ш. Бӯстон, кӯчаи А. Баротов, 6
Тел: 92 7934499; mavluda211973@mail.ru

Имзои М.С.Аминҷоноваро тасдиқ менамоям:
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси Донишкадаи кӯҳию
металлургии Тоҷикистон Сулейманова Н.А.